«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.х., профессор Ғафурзода А.Д.
_______________
«15» ___03___ 2022с.

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ, менеҷмент ва идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба экспертизаи давраи якуми диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» аз ҷониби Шамсуллозода Шукрулло дар назди шуъбаи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва хизмати Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ва кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Шамсуллозода Шукрулло, 2 - июли соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2003 Донишкадаи Андоз ва Ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) - ро аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм кардааст.

Солҳои 2003 - 2004 дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ ҳамчун муаллим - коромӯз ва аз соли 2004 то 2006 ба ҳайси ассистент фаъолият намудааст.

Солҳои 2006 - 2012 ба ҳайси муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Соли 2009 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Развитие страхового рынка в системе экономической безопасности Республики Таджикистан» ҳимоя намудааст.

Аз соли 2012 то 2013 ҳамчун номзади илм - муаллими калон дар кафедраи суғуртаи Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон фаъолияташро идома додааст.

Солҳои 2013 - 2014 дар шуъбаи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва хизмати Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ходими пешбари илмӣ, аз соли 2014 то 2015 ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъба ва аз соли 2015 то 2017 дар вазифаи мудири шуъбаи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва хизмати Институти иқтисодиёт ва демография фаъолият намудааст.

Аз соли 2017 то 2019 дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи мудири кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва молия кор кардааст.

Солҳои 2019 - 2020 ба ҳайси мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатияшро идома додааст.

Бо мақсади пурра ба анҷом расонидани диссертатсияи докторӣ тибқи қарори Шӯрои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, №5/15 ба муҳлати як сол ба вазифаи кормани илмӣ гузаронида шудааст.

Мавзуи рисолаи доктории Шамсуллозада Шукрулло тибқи протоколи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2014, №4 дар мавзуи «Рушди фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст. Соли 2020 номи мавзуи диссертатсияи докторӣ такмил дода шуда, тибқи қарори Шӯрои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2020, №9/36 таҳти унвони «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» тасдиқ карда шуд. Мушовири илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич таъйин гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 29 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 монография ва 14 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои тақризшавандаи хориҷи кишвар нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» чунин хулоса бароварда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Суғурта яке аз ниҳодҳои муҳими иқтисоди бозории рушдёфта мебошад. Он субот ва самаранокии фаъолияти хоҷагидориро таъмин намуда, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад. Таъмини рушди соҳаи суғурта ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст, зеро ки иқтисодиёти кишвар бо назардошти қариб ҳамаи намудҳои фаъолият дар дараҷаи баланди хавф нисбат ба меъёрҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароити воқеии ҷумҳурӣ, ки дар он низоми институтсионалӣ ва инфрасохтори муносибатҳои бозории дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтаанд, ҳалли масъалаҳои эмин доштани ҳаёт ва моликият таҳдиди хавфу хатар яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад, ва таъмини рушди соҳибкории суғуртавӣ ҳамчун яке аз пояҳои асосии соҳибкорӣ таҳти рушд мебошад.

Таҳлили вазъи молиявии бозори суғуртаи ҷумҳурӣ баъзе падидаҳои номатлуброро нишон медиҳад, ки аз коҳишёбии соҳа шаҳодат медиҳанд, аз ҷумла мавҷуд набудани бозорҳои калон ба монанди суғуртаи ҳаёт, суғуртаи масъулияти шаҳрвандии воситаи нақлиёти автомобилӣ, суғуртаи масъулияти корфармоён, ҷавобгарии граждании дар назди шахсони сеюм, коҳиш ёфтани ҷолибияти сармоягузории ширкатҳои суғуртавӣ бо сабаби маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ, алалхусус андозаи захираҳо ва коҳиш ёфтани имкониятҳои сармоягузорони ватанӣ (бӯҳрони бонкҳо) интихоби мавзӯи диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои онро мубрам арзёбӣ менамояд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## 3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла барои инкишофи назария ва амалияи соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт мусоидат менамояд. Ҷанбаҳои методологии арзёбии қонуниятҳо ва тамоюли рушди соҳибкории суғуртавӣ метавонанд барои такмили методикаи таҳлили равандҳои рушд ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии соҳибкории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат намояд. Инчунин барои баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молия «пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғази қимматнок» ва ғайра) пешбинӣ гардидаанд, робита дорад.

## 4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 29 кори илмӣ, аз он ҷумла аз ҷумла 4 монография ва 14 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои тақризшавандаи хориҷи кишвар нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35 - уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**Фехристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

***А) Монографияҳо***

[1-М]. Проблемы становления и развития обществ взаимного страхования. Монография / Ш.Шамсуллозода. - Душанбе: Ирфон, 2017. - 176 с.

[2-М]. Страховой бизнес в сфере предпринимательства Республики Таджикистан. Монография / Ш.Шамсуллозода. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 160 с.

[3-М]. Проблемы развития страхового рынка и его роль в финансовой безопасности Таджикистан. Монография / Ш.Шамсуллозода. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 184 с.

[4-М]. Экономические основы развития страхового рынка в условиях обеспечения экономической безопасности. Монография / Ш.Шамсуллозода - Душанбе: Ирфон, 2008. - 112 с.

***Б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:***

[5-М]. Основные направления совершенствования механизмов планирования страховых организаций [Текст] / А.Б. Мирсаидов, Ш.Шамсуллозода // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2022. - № 2 (77).

[6-М]. Раванди сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ дар бозори сармоя [Матн] / Шамсуллозода Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №3(37). ISSN 2308-054X, маҷаллаи илмӣ. Душанбе, 2021. - С. 216-226.

[7-М]. Асосҳои назариявии фаъолияти суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар давоми солҳои 1991 - 2016) [Матн] / Ш.Шамсуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №2 (36). ISSN 2308 - 054X, маҷаллаи илмӣ. Душанбе, 2021. - С. 271-274.

[8-М]. Фаъолияти суғуртавӣ чун намуди фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Ш.Шамсуллозода, Х.Шамсуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ №1/1 (83). ISSN 2663-5534, Маҷаллаи илмӣ. Бохтар, 2021. - С. 186-188.

[9-М]. Баъзе ҷанбаҳои таъминоти иттилоотӣ дар соҳаи суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.Шамсуллозода //Маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ» - №3 (52), ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2709-8567 (Online), Душанбе, 2021. - С. 25-37.

[10-М]. Суғуртаи хавфҳо ҳамчун шарти ҳатмии фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Ш.Шамсуллозода // Маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ» №2 (51). ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2709-8567 (Online), Душанбе, 2021. С. 58-67.

[11-М]. Баъзе муаммоҳои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Шамсуллозода // Маҷаллаи илмии «Иқтисодиёти Тоҷикистон» №4 (1). ISSN 2310-3957. Душанбе, 2021. - С. 42-51.

[12-М]. Формирование и развитие медицинского страхования в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Научно-полотический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан «Государственное управление». - Душанбе, 2021. - №1 (50). - С. 50-61.

[13-М]. Проблемы развития системы взаимного страхования на таджикском страховом рынке [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Научный журнал «Экономика Таджикистана» №1. ISSN 2310-3957. Душанбе, 2020. - С. 133-142.

[14-М]. Страховой рынок как составная часть финансовой системы и безопасности рынка страховых услуг в Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Вестник Таджикского национального университета №2/8

(149), (научный журнал). Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - С. 110-119.

[15-М]. Основные задачи развития страхового рынка Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Вестник Таджикского национального университета №2/3 (135), (научный журнал). Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - С. 103-107.

[16-М]. Страховой рынок и функции государственного надзора за страховой деятельностью [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Вестник Таджикского национального университета №2/4 (114), (научный журнал). Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2013. - С. 188-194.

[17-М]. Анализ страхового рынка в системе экономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Известия Академии наук Республики Таджикистан Отделение общественных наук. Серия «Экономика». - Душанбе: 2008. - №3. - С. 70-76.

[18-М]. Финансовое обеспечение рынка страховых услуг, как основа экономической безопасности страны [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Вестник Таджикского национального университета, №2 (47), (научный журнал). Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2008. С. 102-107.

***В) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия*:**

[19-М]. Суғуртаи хавфҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шамсуллозода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ». АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021. (429). С. 45-50.

[20-М]. Хусусиятҳои суғуртакунонии хавфи соҳибкорӣ дар марҳилаи муосири рушди он [Матн] / Ш.Шамсуллозода, Шарипова Л.А. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ 25 - 26 ноябри соли 2021 дар АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. - С. 187-193.

[21-М]. Проблемы системы страхования сельскохозяйственного производства в Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода, Х.Шамсуллозода, З.С. Садыков // Международная научно - практическая

дистанционная конференция «Устойчивое развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше». Душанбе, 23 - 24 декабря 2016. (953). - С. 194-198.

[22-М]. Совершенствование таджикского страхового рынка [Текст] / Ш. Шамсуллозода, Х. Шамсуллозода // Материалы международной научно - практической конференции «Формирование финансово - кредитных механизмов обеспечения стабильности экономического роста с учетом перспектив развития интеграции в ЕАЭС». Москва, 25 - 26 февраля 2016. - С. 99-102.

[23-М]. Якчанд проблемаҳои актуалии бозори суғурта ва ҳолати муҳими қонунгузориҳои ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Шамсуллозода // Маҷмӯи мақолаҳо ва тезисҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалии «Нақши ҷавонон дар ҳалли мушкилоти муҳим дар манзари ҷаҳонишавӣ». Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 19 - 21 майи 2014. - С. 343 - 347.

[24-М]. Назорат ва танзими бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Международный научно - практический журнал «XIV глобальные науки и инновации 2021: Центральная Азия» №3 (14), ISSN 2664-2271. серия «Экономические науки» 22 - 27 октября 2021. Нур - Султан (Астана), Казахстан. С. 27-31.

[25-М]. Проблемы развития сельскохозяйственного страхования [Текст] / Ш.Шамсуллозода, Х.Шамсуллозода // Научно - политический журнал Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан «Государственное управления» № 1 (33) - Душанбе, 2017. - С. 142 - 146.

[26-М]. Суғурта ва аҳамияти он дар рушди иқтисод [Матн] / Ш. Шамсуллозода // Маҷаллаи давлатии «Тоҷикистон» №9 - 10 (1165). Душанбе, 2017. (35) С. 20-21.

[27-М]. Проблемы и основные направления совершенствования и управления инновационными процессами в страховании [Текст] / Ш. Шамсуллозода // Производственно практический журнал «Страхование в Белоруси» №3(172) Минск. Март - 2017. - С. 21-23.

[28-М]. Ҳамкории бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ дар шароити муосир [Матн] / Ш. Шамсуллозода // Паёми Бонкдорӣ дар Тоҷикистон №5 (58), маҷаллаи иттилоотии бонкӣ, Душанбе, 2014. - С. 64-66.

[29-М]. Суғурта ва муҳимияти қонунгузории он [Матн] / Ш. Шамсуллозода // Бонкдорӣ дар Тоҷикистон, №12 (53), Маҷаллаи иттилоотии бонкӣ, - Душанбе, 2013. - С. 53-54.

## 5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Муқаррарот ва бобҳои мушаххаси диссертатсияро ҳамчун муносибатҳои методӣ ба ташкили фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ва фаъолияти менеҷментҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми ташкил ё таҷдиди сохтории корҳои ташкилӣ ва молиявии ширкат, ҷиҳати таҳияи низом ва чораҳо оид ба таъмини суботи молиявӣ, фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузории субъектҳои бахши суғуртавии иқтисоди кишвар метавон истифода бурд. Як қатор пешниҳодҳои амалии муаллифро самтҳои гуногуни мақомоти ҳокимият метавонанд зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба рушди фаъолияти суғуртавӣ, ташкили дастгирии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, мавриди истифода қарор диҳанд. Муқарраротн методӣ ва назариявии таҳқиқотро дар фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар курсҳои таълимии «Суғурта», «Асосҳои суғурта», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Таҳлили молиявии ширкатҳои суғуртавӣ», ташкили курси махсуси «Соҳибкории суғуртавӣ» ва ғайра пурра истифода бурдан мумкин аст.

## 6. Саҳми довталаб дар иҷрои тадқиқоти диссертатсионӣ

Ҳамаи даврахо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошта шуда ва иҷрои вазифаҳои он бевосита аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф мустақилона тавсияҳои методиро доир ба такмили механизми рушди соҳибкорӣ дар бахши иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алгоритмҳои пай дар пайии таҳияи стратегияи рушд ва механизмҳои ташкилию иқтисодии татбиқи стратегияи рушди ташкилотҳои суғуртаро пешниҳод намудааст.

**Қарори ҷаласа**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ; тақризи мушовири илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов А.Б., баромади муқарризон – докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Бобоев О., Ашуров И.С., ва Шарипов Б.М. оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Шамсуллозода Шукрулло ҷаласаи якҷояи кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ, менеҷмент, идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида

**қарор кард:**

1. Диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.
2. Ба Шамсуллозода Шукрулло нусхаи протокол ва хулосаи ҷаласаи якҷояи кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ, менеҷмент, идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ дар бораи дуруст ба расмият даровардa шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 35 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 35 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ, менеҷмент, идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2022, протоколи № 1 қабул шудааст.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи идоракунии
молияи давлатӣ, н.и.и., дотсент — Досиев М.Н.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., дотсент — Гадоев Д.Р.

Муқарризон, докторони илмҳои
иқтисодӣ, профессорон — Бобоев О.
Ашуров И.С.
Шарипов Б.М.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобозода О.О.
«12» 03 2022 с.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Руссия ва Тоҷикистон — Раҳимов А.А.

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИД АМИТ — Қурбонов Э.